**СУРАТМАҶЛИСИ №15**

**Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О19**

**04 феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС**:

1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзӯи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. баромад намуда, пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзӯи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои гузаронидани экспетиза қабул карда шуда, комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Искандаров З.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Назаров А.Қ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С. ташкил карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзӯи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Искандаров З.Ҳ.;

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шуро Назаров А.Қ.;

– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона.**

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**